**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе, х. Рудаки, 146, E-mail: olimov-1976@mail.ru)**

**Т а қ р и з**

**ба автореферати диссертатсияи Расулова Давлатмо Буриевна., дар мавзӯи «Такмили асосҳои ташкилӣ - иқтисодии гӯсфандпарварӣ ва самаранокии иқтисодии он дар Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ.**

Дар таъмини бехатарии озуқаворӣи Тоҷикистон, рушди кишоварзии Тоҷикистон ва хусусан гӯсфандпарварӣ мавқеи хоса дорад. Зеро истеҳсоли гӯшт барои ғизо ва пӯсту пашми гӯсфанд барои коркарди саноатӣ чун ашёи хом истифода карда мешавад. Новобаста аз он, ки дар Тоҷикистон ҳамасола ҳазорҳо тонна пашм ва пӯсти гӯсфанд истеҳсол карда мешавад, вале мутаассифона қисми ночизи он коркарди саноатӣ мегардад. Солҳои охир хоҷагиҳои кишоварзӣ ва аҳолӣ бинобар набудани корхонаҳои саноатии пашми гӯсфандро мепартоянд ва пӯстро бо нархи ночиз ба хориҷа ирсол менамоянд. Хоҷагиҳои гӯсфандпарварӣ бинобар надоштани захираҳои зарурии молиявӣ наметавонанд чорвои зотӣ харидорӣ намуда, сохтори подаро такмил диҳанд ва маҳсулнокии чорворо баланд бардоранд. Аз ин ҷо мубрамияти мавзӯи тадқиқот баҳсангез нест.

Хушбахтона дар солҳои охир таҳқиқотҳои илмӣ дар ин соҳа равнақ ёфта истодаанд. Мутахассисони соҳаҳои мухталиф ба монанди Дадохоҷаев А.А, Манҷиева Р.Д., Негматов А.А., Розиқов Ш.Ш., Сангинова Б.К. ва дигарон, доир ба бозори маҳсулотҳои гӯсфандпарварӣ кори диссертатсионии худро дифоъ намуданд, вале таҳқиқоте дар он асосҳои назариявии моҳияти иқтисодии мафҳуми ташкил ва самаранокии истеҳсолот дар соҳаи гӯсфандпарварӣ, ин омӯхтан ва татбиқи масъалаҳои назариявӣ ва методологии ташкили оқилонаи меҳнат, барқарор кардани муносибатҳои самараноки байни ҳамаи унсурҳои системаи истеҳсолӣ дар самти баланд бардоштани самаранокии он дар шароити захираҳои маҳдуд ва талаботи беинтиҳо то ҳоло набуд. Кори таҳқиқотии Расулова Д. Б. маҳз

ба таҳқиқи ин масъалаҳо бахшида шудааст.

Унвонҷӯ тавонистааст дар асоси таҳқиқи назариявии моҳияти иқтисодии мафҳуми ташкил ва самаранокии истеҳсолот дар мазмуни нав «ташкили истеҳсолот дар соҳаи гӯсфандпарварӣ, ин омӯхтан ва татбиқи масъалаҳои назариявӣ ва методологии ташкили оқилонаи меҳнат, барқарор кардани муносибатҳои самараноки байни ҳамаи унсурҳои системаи истеҳсолӣ дар самти баланд бардоштани самаранокии он дар шароити захираҳои маҳдуд ва талаботи беинтиҳо» ва мафҳуми «самаранокии иқтисодии истеҳсолот ҳамчун таносуби натиҷаҳои муқоисашавандаи маҳсулоти молӣ ба хароҷоти он муайян карда мешавад» пешниҳод намояд.

Ба ҳолати кунунии ташкили истеҳсолот ва самаранокии иқтисодии хоҷагиҳои гӯсфандпарварии ҷумҳурӣ баҳо дода, минтақабандии гӯсфандпарвариро ба кӯҳӣ, наздикӯҳӣ ва даштӣ тақсим намуда, номувофиқии замини ҷарогоҳҳо бо саршумори гӯсфандон, камбудии равияи майдамолии хоҷагиҳои гӯсфандпарварӣ ошкор гардида, роҳҳои ҳалли онҳоро пешниҳод намудааст.

Дар умум хулоса намудан мумкин аст, ки муаллиф ба мақсади гузошташудаи кори диссертатсионӣ ноил гаштааст.

Бо назардошти муваффақиятҳо дар автореферат баъзе норасоиҳо ва камбудиҳо мавҷуд аст.

Агар муаллиф андозаи оптималии рамаву фермаҳо вобаста ба зотҳоро муайян менамуд, кор мазмунан беҳтар мегашт. Яке аз нишондиҳандаҳои самаранокӣ, сарфи ками хароҷоти хӯрока барои як воҳиди маҳсулот мебошад. Мутаассифона ин нишондиҳанда низ дар кор таҳқиқ  нашудааст. Вале эродҳои пешниҳодшуда наметавонад ба мазмуну мундариҷаи таҳқиқот таъсири манфӣ расонад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи  Расулова Давлатмо Буриевна.,  дар мавзӯи «Такмили асосҳои ташкилӣ - иқтисодии гӯсфандпарварӣ ва самаранокии иқтисодии он дар Тоҷикистон»  барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси (08.00.04.02 -

Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ) пешниҳод шудааст дар сатҳи баланди илмӣ –методӣ иҷро гардида, ба талаботҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва банди 8 низомномаи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвонҳои илмӣ» мувофиқ буда, муаллифи он сазовори додани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси номбаршуда мебошад.

Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Асоев М.М.

**Суроға:** 734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кучаи Саид Носир, 33
Тел: (+992 37) 227-17 -86
Суроғаи электронӣ: info@apa.tj

Имзои номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калон Асоев М.М.-ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои махсуси
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бобозода О.О